## СУРАТҶАЛАСАИ №15

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 28 декабри соли 2024

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқшуда, 10 нафар иштирок доштанд: Сафаров Ш.А. - раиси шуро, Ҳоҷиматова Г. – муовини раиси шуро, Муҳиддинзода Б. – котиби илмии шуро, Каримова И.Х., Иматзода Л.М., Шербоев., Раҳимзода Х, Рӯзиева Л., Давлатшоев И., Иззатова М. аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин кардани комиссияи экспертӣ, **ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъала гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Муҳиддинзода Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) мувофиқат

мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ”, ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, барои экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Иматзода Л.М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Каримзода М. – доктори илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия;
- Туронов С. – номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 10 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

3. Комиссияи ташхисӣ вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати муайяншуда хулосаи комиссияи экспертиро ба шуро пешниҳод намояд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Сафаров Ш.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Муҳиддинзода Б.**

*“Имзои Сафаров Ш.А. ва Муҳиддинзода Б.-ро тасдиқ мекунам”*

Нозири кадр ва коргузории АРТ М. Саидова

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ